«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
__________ Ибодзода З.Ҳ.
аз «28» 12 соли 2023 № 20

# НИЗОМНОМАИ МАРКАЗИ КЛИНИКӢ, ИЛМӢ-ТАЪЛИМӢ НАЗДИ МТҒ "ДОНИШКАДАИ ТИБӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии назди МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" (минбаъд Низомнома), дар асоси Иҷозатномаи комиссияи иҷозатномадиҳии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №14 аз 05 июли соли 2022 силсилаи ВТт №0001424 (рақами бақайдгирӣ 001424/22Т) таҳия карда шудааст.

1.2. Муассиси Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимӣ назди МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" Муассисаи таълимии ғайридавлати "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" мебошад.

1.3. Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимӣ (минбаъд Марказ) дар фаъолияти худ фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 10 фасли 2-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Оинномаи МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад ва дар баробари ташкилотҳои давлатии тиббӣ амалӣ гардидани сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи саломатӣ таъмин менамояд.

1.4. Маблағгузории фаъолияти Марказ аз ҳисоби маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, воситаҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббӣ, дигар манбаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағгузорӣ карда мешавад.
Марказ дорои тавозуни мустақил, суратҳисоб дар бонкҳо, мӯҳри мудаввар бо дарҷи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи расмии худ, варақаҳои унвонӣ ва дигар реквизитҳо мебошад.

1.5. Номи расмии Марказ:
- бо забони давлатӣ: Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимӣ
- бо забони русӣ: Клинический научно-образовательний центр

- номи ихтисоршудаи Марказ бо забони давлатӣ: МКИТ;
- номи ихтисоршудаи Марказ бо забони русӣ: КНОЦ

1.6. Суроғаи ҳуқуқии Марказ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734026, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кучаи к. Клара Сеткина 2

## 2. Вазъи ҳуқуқии Марказ

2.1. Мувофиқи Оинномаи мазкур Марказ ҳуқуқ дорад, ки ба фаъолияти даромаднок машғул шавад. Даромади аз чунин фаъолият бадастомада, инчунин, амволи аз чунин даромадҳо харидашуда ба ихтиёри Марказ мегузаранд.

2.2. Марказ дорои дигар намуд ҳуқуқҳо мебошад, ки бо қонунгузории амалкунанда барои чунин муассисаҳо муқаррар шудаанд.

2.3. Бо қарори Муассис Марказ метавонад ба ҳайати иттиҳодияҳо, иттифоқҳо, ассосиатсияҳо дохил шавад ва аз ҳайати онҳо бароят.

2.4. Аз рӯи бемориҳое, ки номгӯи онҳоро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ кардааст, кӯмаки тиббӣ расонад. Стандартҳо, муқаррарот, меъёрҳое, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ бо тартиби муқарраргардида таҳия ва тасдиқ намудааст, иҷро намояд.

2.5. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ татбиқи сиёсати ягонаро доир ба масъалаҳои бемориҳо, маводҳо, маркетинг, реклама ва фаъолияти иттилоотӣ таъмин менамояд.

2.6. Усулҳои тибби халқиро бо тартиби муқаррарнамудаи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода барад.

2.7. Бо тартиби муқаррарнамудаи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои тиббӣ диҳад.

2.8. Барои амалӣ гардидани фаъолияти касбӣ бо санадҳои меъёрӣ шинос шаванд.

2.9. Бо дигар шахсоне, ки ба фаъолияти тиббӣ машғуланд бо мақсади расонидани кумаки тиббӣ якҷоя фаъолият намоянд.

2.10. Дар шакли нусха аз ҳуҷҷатҳои тиббӣ дар бораи беморӣ ва вазъи саломатии беморон хулосаҳои хаттӣ ва тавсияномаҳо диҳанд, ки онҳоро ташкилотҳои тиббӣ истифода бурда тавонанд.

2.11. Барои ба даст овардани молҳои тиббӣ, доруворӣ, аз ҷумла воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва доруворие, ки ба шартҳои имтиёзнок фурӯхта мешаванд, ба бемор дорухат навишта, онро бо муҳри Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии назди донишкадавӣ ё бо муҳри шахсии табиб тасдиқ намоянд.

2.12. Бахши беморхонавии Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии назди донишкадавӣ барои мақсадҳои тиббӣ дар сурати мавҷуд будани иҷозатнома, ки мутобиқи талаботи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропиро гиранд, нигоҳ доранд ва истифода баранд.

2.13. Ҳамаи намудҳои фаъолияте, ки барои иҷрояшон иҷозат (литсензия)

талаб карда мешавад, танҳо дар ҳолати гирифтани чунин иҷозатнома, ба амал баровaрда мешаванд.

## 3. Маҳдудияти Марказ

3.1. Ба Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии назди донишкадавӣ амалҳои зерин манъ аст:
- гузаронидани сеансҳои оммавии табобатӣ, аз ҷумла бо истифодаи воситаҳои ахбори омма;
- истифодаи тарзу усулҳои пешгирӣ, ташхис, табобати бемориҳо, инчунин доруворие, ки истифодаи онҳо дар амалияи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода нашудааст.

## 4. Мақсад, вазифа ва ӯҳдадориҳои Марказ

4.1. Марказ дар умум бо мақсади ба аҳолӣ расонидани хизмати хусусии тиббии махсусгардонидашуда бо истифода аз технологияи муосир аз ҷумла: машваратӣ-тиббӣ, муоина ва табобати бемориҳои дарунӣ, занона, ҷарроҳии умумӣ бо истифода аз дастгоҳҳои эндоурологӣ ва сангшикан, амалиётҳои камосеб ва тармимӣ, табобатҳои консервативӣ бо хизматрасониҳои тиббию санитарӣ, муолиҷаи стоматологӣ, ташхиси рентгенӣ ба воситаи дастгоҳи рентгени рақамӣ, озмоишгоҳи ташхисӣ - клиникӣ ва биокимиёвӣ, барқарорнамоӣ дар шароити дармонгоҳӣ ва беморхонавӣ ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур таъсис дода шудааст..

4.2. Марказ танҳо ҳамон намуди фаъолияте, ки барои он иҷозатнома дода шудааст, амалӣ менамояд.

4.3. Сохтор ва самти фаъолияти Марказро муассис дар асоси эҳтиёҷоти аҳолӣ ба табобати махсусгардонидашуда метавонад дигар кунад.

4.4. **Вазифаҳои Марказ чунин аст**:
- баланд бардоштани сатҳи фаъолияти табобатҳои консервативӣ бо хизматрасонии тиббию санитарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи таҳия ва дар амал ҷорӣ намудани тарзу намудҳои самараноки таъмини аҳолии ниёзманд ба ёрии махсусгардонидашуда,
- омӯхтан ва ҷамъбаст кардани комёбиҳои илми ҷаҳонӣ дар соҳаи марбут ба фаъолияти Марказ ва мусоидат барои истифодаи онҳо дар амалия;
- омода кардани кадрҳои илмӣ ва бо таҷрибаи дорои дараҷаи баланди тахассусӣ барои Ҷумҷурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ;
- расондани кӯмаки машваратӣ, ташкилию дастурӣ ва амалӣ ба муассисаҳои шифоию пешгирии ҷумҳурӣ новобаста аз самти маблағгузорӣ.

4.5. **Ӯҳдадориҳои Марказ:**
- танҳо ҳамон намуди фаъолиятро, ки барои он иҷозатнома дода шудааст, амалӣ намоянд;

- шарту қоидаҳои кӯмаки тиббиро, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ намудааст, риоя намоянд;
- ҳуҷҷатгузории зарурии тиббиро, ки вазъи саломатии бемор, ҳаҷм ва натиҷаҳои кӯмаки тиббии ба ӯ расонидашударо инъикос менамояд, ба роҳ монанд;
- ҳисоботи тиббӣ, оморӣ ва молиявиро дар муҳлатҳои муқарраршуда пешниҳод намоянд;
- ҳангоми гузаронидани санҷиш аз ҷониби мақоми давлатдори назорати давлатии фаъолияти тиббӣ санадҳои тиббӣ ва маълумотҳоро пешниҳод намоянд;
- усулу воситаҳои ташхис, пешгирӣ ва табобат, доруворииеро, ки бо тартиби муқаррааргардида дар амалияи тиббии кишвар иҷозат дода шудааст, истифода баранд;
- ба марказҳои санитарию эпидемиологӣ ва мақомоти дахлдори ҳифзи саломатии аҳолӣ ҳолатҳои дар беморон ошкор шудани бемориҳои сироятӣ, ангалӣ ва таносулӣ, ҷузом, саъфати пӯст, шукуфои мӯйчин, хоришак, сил, вируси норасоии масунияти одам ва бемориҳои саратонӣ, нашъамандӣ, рӯҳӣ бо тартиби муқаррарнамудаи ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ хабар диҳанд;
- дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои худ дараҷаи ихтисоси кормандонро баланд бардоранд, агар ин дар шартномаҳо бо ташкилотҳое, ки расонидани кӯмаки тиббиро маблағгузорӣ мекунанд, пешбинӣ нашуда бошанд;
- ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи шахсоне, ки дар натиҷаи ҷароҳати ҷисмонӣ, осеббинӣ, заҳролудшавӣ ва ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ барои кӯмаки тиббӣ мурочиат кардаанд, хабар диҳанд;
- бақайдгирии оморӣ ва ҳисоботро, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, дуруст ба роҳ монанд ва ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ доир ба фаъолияти худ маълумот пешниҳод намоянд;
- аз аккредитатсияи давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаранд;
- ба шахсоне, ки кӯмаки таъҷилии тиббӣ эҳтиёҷ доранд, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон расонанд.

## 5. Фаъолияти Марказ

5.1. Марказ фаъолияти хизматрасонии тиббиро дар асоси шартномаи басташуда бевосита бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба таври нақдӣ ва ғайринақдӣ, бо корхонаҳо ва ташкилотҳо, бо ташкилоти суғуртаи тиббӣ барои расонидани кӯмаки тиббӣ аз рӯйи суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббӣ, тавассути барномаҳои хайриявӣ ва дигар сурат мегирад.

5.2. Марказ барои иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда фаъолияти зеринро ба анҷом мерасонад.

5.2.1. ҷорӣ намудани воситаҳои нави пешгирии бемориҳо ва ба роҳ мондани ташвиқоти онҳо;
5.2.2. иштирок дар ярмарка ва намоишҳои фурӯши яклухти таҳҷизоти тиббӣ, ашё ва дигар маводҳо ва бастани шартномаҳо доир ба дастраскунии онҳо;
5.2.3. дар асоси шартнома ташкил намудани базаи клиникӣ барои кафедраҳои дар донишкада амалкунанда;
5.2.4. гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотӣ аз рӯйи самтҳои афзалиятноки илми муосир;
5.2.5. таъмин намудани истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, молиявӣ ва моддӣ;
5.2.6. пешбурди фаъолияти иқтисодӣ хориҷӣ дар самти эндоурологӣ, ҷарроҳӣ, бемориҳои дарунӣ, гинекологӣ, доруворӣ ва таъмини такмили ихтисоси кории тиббӣ дар хориҷа. Ҳамкориҳои дуҷониба бо марказҳо ва клиникаҳои хориҷӣ дар соҳаи илм ва амалия, гузаронидани семинарҳо, симпозиумҳо, конгрессҳо ва форумҳои байналмиллалии илмӣ;
5.2.7. ба амал баровардани фаъолияти эҳсонкорӣ;
5.2.8. намудҳои дигари фаъолият ва ӯҳдадориҳое, ки дар Низомнома дарҷ нагардидаанд, вале ба қонунҳои амалкунандаи ҷорӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, дуруст шуморида мешаванд.

## 6. Мақомоти идоракунии Марказ

6.1. Мақоми олии идоракунии Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии назди МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" Шурои клиникии Марказ ва Шурои олимони донишкада мебошад.
6.2. Марказ доир ба фаъолияти худ дар назди муассис, Шурои клиникии Марказ, Шурои коллективи меҳнатӣ ва Шурои олимони МТҒ "Донишкадаи тибби-иҷтимоии Тоҷикистон" ҳисобот медиҳад.
6.3. **Муассис ҳуқуқ дорад:**
- Низомномаи Марказро баррасӣ намояд, ба он тағйироту иловаҳо тибқи санадҳои меёрии ҳуқуқии амалкунандаи ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намояд ва барои баррасӣ ва ҷонибдорӣ ба Шурои олимони донишкада пешниҳод намояд;
- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон директори Марказро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намояд;
- бо пешниҳоди директори Марказ муовинони директор ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намояд;
- самтҳои асосии фаъолияти Марказро муайян намояд;
- дар идоракунии корҳои Марказ иштирок намояд;
- тавозуни Марказро тасдиқ намояд ва ҳисоботи онро қабул намояд;
- комиссияи тафтишотӣ-ро таъин намояд;
- фаъолияти Марказро назорат, тафтиш ва баррасӣ намояд;

- маълумотҳои зарурӣ ва ҳисоботро оид ба фаъолияти Марказ талаб намояд;
- дар ҳолати барҳам дода шудани Марказ, баъди ҳисобӣ намудан бо қарздорон, амволи ба вай тааллуқдошта ё қиммати онро бигирад.

6.4. Идоракунии Марказ аз тарафи Шурои коллективи меҳнатӣ ба амал баровварда мешавад. Раиси Шуро директори Марказ мебошад, ки мақоми иҷрокунанда дорад.

6.5. Ба вазифаи директори Марказ шахси дорои маълумоти олии тиббӣ ва дараҷаи илмӣ дар соҳаи тиб буда таъин карда мешавад.

6.7. Директор шахсан барои фаъолияти Марказ ҷавобгар буда, дар назди Муассис ҳисобот медиҳад.

6.8. Директор ба кори таҳияи лоиҳаҳои нақшавии (ҷорӣ ва дурнамо) корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, нақшавии тайёр намудани кадрҳои илмӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ ва маводи маҷлисҳои машваратӣ ва конференсияҳо роҳбарӣ мекунад ва онҳоро барои бо тартиби муқарраршуда тасдиқ кардан пешниҳод менамояд.

6.9. Директор барои пурраву беосеб будани молу мулки Марказ, барои риоя кардани интизоми меҳнат, молия, шартномаҳо ва барои масрафи маблағҳои мақсаднок мувофиқи таъиноташон ҷавобгар мебошад.

6.10. Директор ба тамоми корҳои илмӣ, дастурию ташкилӣ ва клиникии Марказ, баланд бардоштани дараҷаи тахассусии кормандони Марказ роҳбарӣ менамояд.

6.11. Директор фаъолияти воҳидҳои сохтории ба ӯ тобеъро ҳамоҳанг месозад, дар фаъолияти онҳо истифода бурдани комёбиҳои илму техникаи ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои патентӣ ва илмию иттилоотӣ, техникаи ҳисоббарорӣ ва ташкилотӣ, тарзу усулҳои пешқадами иҷрои корҳоро таъмин мекунад.

6.12. Директор Марказ ҳуқуқ дорад масъалаҳои зеринро мустақилона ҳал намояд:
- аз номи Марказ бе ваколатнома амал намояд, дар муносибат бо дигар ташкилотҳо Марказро намояндагӣ кунад;
- бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликияташон, созишномаҳо бандад;
- бо шахсони масъули Марказ барои ба ҷо овардани амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ, ӯҳдадориҳои шартномавӣ ваколатномаҳо диҳад;
- дар доираи салоҳияти худ санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар намуди фармоиш содир намояд.

## 7. Сохтори Марказ

7.1. Сохтори Марказ иборат аст аз:

**Нимтаххона**

1. Кафедраи гистологияи донишкада
2. Кафедраи анатомия ва патанатомияи донишкада

**Ошёнаи якӯм**

1. шуъбаи қайдкунӣ ва барӯйхатгирӣ;
2. ҳуҷраи табиби асабшинос;
3. ҳуҷраи табиби ҷарроҳ;
4. ҳуҷраи ҷарроҳатбандӣ;
5. ҳуҷраи табиби уролог;
6. бунгоҳи тиббӣ,
7. ҳуҷраи сарҳамшираи тиббӣ;
8. Шуъбаи тахшис;
- ҳуҷраи улстрасадо;
- ҳуҷраи рентгенологӣ;
- ҳуҷраи сабти барқии дил (ЭКГ);
- ҳуҷраи озмоишгоҳӣ;
9. Дорухона

**Ошёнаи дуввум**

1. Шуъбаи стоматологӣ (базаи кафедраи стоматологияи муолиҷавӣ ва кафедраи ортопедӣ).

**Ошёнаи сейӯм**

1. Шуъбаи урологӣ ва андрологӣ.

**Ошёнаи чорӯм**

1. Шуъбаи ҷарроҳии умумӣ.

**Ошёнаи панҷӯм**

1. Шуъбаи буморихои дарунӣ (базаи кафедраи беморихои дарунӣ)

**Ошёнаи шашӯм**

1. Шуъбаи гинекологӣ (базаи кафедраи акушерӣ ва гинекологӣ)
2. Маркази стимулятсионӣ

**Ошёнаи ҳафтӯм**

## 8. Амвол ва сарчашмаҳои маблағгузории Марказ

8.1.Амволи Марказро маблағҳои асосие, ки аз тарафи Муассис барои идоракунии фаврӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо шуда, инчунин дигар маблағҳое, аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ворид шуда, ташкил медиҳад.

**8.2.** Марказ мустақилона ба мақомоти давлатӣ, андоз ва молия ҳисобот медиҳад.

**8.3.**Марказ ҳамаи амалиётҳои хазинавиро мувофиқи қоидаҳои муқарраргардида анҷом медиҳад.

## 9. Тасдиқ ва қатъ гардидани фаъолияти Марказ

9.1. Низомномаи Марказ аз тарафи Шурои коллективи меҳнатӣ ва Шурои олимони донишкада баррасӣ гашта, баъд аз тарафи муассис тасдиқ карда мешаванд.

9.2. Низомнома аз лаҳзаи аз ҷониби муассиси донишкада ба тавсиб расидани он, мавриди амал қарор гирифта ба он дар ҳолатҳои зарурӣ бо тартиби муқаррааргардида тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда мешавад.

Низомнома дар Шурои олимони донишкада «26» 12 соли 2023 (протоколи №5/3-8) баррасӣ гардида, ҷонибдорӣ карда шудааст.